**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Рушди давлату ҳукумат ба тарбияи шахсиятҳои дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, дорои таффакури интиқодӣ ва масъулиятштносу фаъол вобастагии зич дорад. Ҷомеаи муосир муносибати навинро ба раванди таълиму тарбия дар зинаи таълими ибтидоӣ талаб менамояд.

Масъалаи таълиму тарбияи хонандагони хурдсол дер боз мавриди таваҷҷуҳи олимони тамоми дунё қарор гирифтааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки масъалаи имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароит дар ташаккулёбӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ медиҳад.

Рисолаи пешниҳодшуда масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълимро дар назар дорад.

Маълум мегардад, ки аксарияти таҳқиқгарон муносибатҳои гуногун ва ҷанбаҳои алоҳидаи ташкили раванди таълиму тарбияро дар марҳалаи ибтидоии таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Вале, дар самти раванди таълим бо истифода аз методҳои фаъоли таълим бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва рушди фарҳанги зеҳнии онҳо асарҳои илмӣ кофӣ намебошанд.

Муаллиф дараҷаҳои илмӣ, навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти худро бо ташаккули салоҳиятҳои таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба масъалаи татбиқи ташаккули дар раванди таълим истифода намудани методҳои фаъоли таълим муайян намудааст.

Таҳлилу истифодаи методҳои таҳқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии истифодашуда ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, пурсиш, суҳбатҳо бо хонандагон, мушоҳидаҳо, омӯзиши роҳҳои ташаккули истифода намудани методҳои фаъоли таълим) тасдиқ менамояд.

Мақсади таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ ин ошкор намудани самаранокии методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Дар кори илмии пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим баён шудааст.

Дар боби якум - "Истифодаи методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳиятхои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ки аз се фасл иборат аст, оид ба технологияи таълими интерактивӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ташкили фаъолияти инноватсионии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим, ташаккул додани маданияти зеҳнӣ маърифатӣ ва характери инсон дар Стандарти синфҳои ибтидоӣ маълумоти саҳеҳ ва таҳлилӣ пешниҳод гаштааст.

Дар боби дуюм, ки "Методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ" унвон гирифтааст, доир ба амсилаи фаъоли таълим ва натиҷанокии он дар дарси муосир дар синфҳои ибтидоӣ, мониторинги сифати таълим ва самаранокии он дар ташаккули муносибати босалоҳият, озмоиш ва таҷрибаи педагогӣ дар тағйир додани андешаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар доираи навсозии таҳсилот ба таври муфассал маълумот гирд оварда шудааст.

Мундариҷа ва мазмуни асосии таҳқиқоти гузаронидашудаи Окимшоева Рухсора Суробовна дар автореферати диссертатсия дар

шаклҳои тоҷикию русӣ инъикоси худро ёфтааст. Интишороти муаллиф нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқиқотро дарбар мегирад.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор
оид ба тарбияи Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон,
ба номи Садриддин Айнӣ Қаюмова Ҳ.Т.

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. С. Айнӣ 73; Тел: 904 40 66 90; E-mail: kayumova.1973@inbox.ru

Имзои Қаюмова Ҳ.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Наҷмиддинов Ш.